# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёти шахсро арзиши олӣ эътироф карда, Қисми махсус бо ҳифзи ҳуқуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт оғоз мегардад. Новобаста аз он, ки ин Кодекс аз соли 1998 то ҳол амал мекунад, аз назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ такмили илмиро талаб дорад. Бо дарназардошти ин, аз тарафи муҳаққиқ Саидзода Меҳрубон Акбархон таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шудааст.

Дар шароити рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ ва густариши технологияҳои муосири иттилоотию телекоммуникатсионӣ масъалаи бандубасти дурусти кирдорҳои ҷиноятие, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Тағйирёбии шаклҳои муошırати иҷтимоӣ, пайдоиши муҳити рақамӣ ва имконияти таъсиррасонии равонӣ

тавассути воситаҳои электронӣ доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҳифзшавандаро васеъ намуда, дар баробари ин, мушкилоти нави татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ба миён овардааст. Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти дурусти ҷиноят пеш аз ҳама ба муайян намудани ҳамаи аломатҳои таркиби ҷиноят – объекти ҳифзшаванда, тарафи объективӣ, субъекти ҷиноят ва тарафи субъективӣ – вобаста мебошад. Аммо, таҳлили амалияи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян намудани мавҷудияти аломатҳои таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо як қатор мушкилоти мураккаби назариявӣ ва амалӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Ин мушкилот, пеш аз ҳама, ба масъалаи муайян намудани робитаи сабабӣ байни кирдори гунаҳкор ва оқибат дар намуди худкушии ҷабрдида, инчунин ба арзёбии дараҷаи таъсири равонӣ ва маҷбуркунандаи кирдор алоқаманд мебошанд. Илова бар ин, баҳснокии масъала дар он зоҳир мегардад, ки дар амал на ҳамеша имкон дорад сарҳади дақиқ байни таъсири кирдори ғайриқонунии ҷиноятӣ ва ҳолатҳои мунокишаҳои маишӣ, фишори иҷтимоӣ ё омилҳои инфиродии равонии ҷабрдидаро муайян намуд. Дар чунин шароит, татбиқи меъёрҳои моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мақомоти тафтишотӣ ва судӣ на танҳо таҳлили воқеиятҳои воқеӣ, балки истифодаи равиши комплексии криминологӣ, психологӣ ва ҳуқуқӣ-доктриналиро талаб менамояд.

Илова бар ин, яке аз мушкилоти калидӣ дар раванди бандубасти ҷинояти ба худкушӣ расонидан ба муайян намудани шакли гуноҳ алоқаманд мебошад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ унсури субъективии таркиби ҷиноят ҳамчун нишондиҳандаи асосии муносибати равонии шахси гунаҳгор нисбат ба кирдори содиршуда ва оқибатҳои он арзёбӣ гардида, маҳз тавассути он дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии рафтор ва ҳадди масъулияти ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, муайян намудани он ки шахс кирдорро бо қасди бевосита, қасди бавосита ё дар шакли беэҳтиётӣ содир намудааст, барои бандубасти дурусти ҳуқуқӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Таҳлили амалияи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо мушкилот на танҳо дар исботи худи таъсиррасонӣ, балки дар муайян намудани муносибати дохилии гунаҳгор ба эҳтимолияти ба вуҷуд омадани натиҷаи фоҷиавӣ ифода меёбад. Дар доираи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсҳо асосан атрофи он сурат мегиранд, ки оё гунаҳгор воқеан фаро расидани худкуширо мехостааст, онро бошуурона иҷозат додааст ё танҳо имконияти чунин натиҷаро пешбинӣ накардааст, ҳарчанд бояд ва метавонист пешбинӣ намояд. Нодуруст муайян намудани шакли гуноҳ метавонад ба таҳрифи моҳияти ҳуқуқии кирдор оварда расонида, боиси тағйири бандубасти ҷиноят ва, дар натиҷа, татбиқи нодурусти меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ гардад.

Ҳамин тариқ, масъалаи бандубасти ҷиноятӣ ба худкушӣ расонидан дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи қонунгузорӣ баромад намуда, зарурати таҳқиқоти амиқи илмӣ ва такмили фаҳмиши доктриналии аломатҳои таркиби ин ҷиноятро тақозо менамояд. Бинобар ин, мавзуи диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон бо дарназардошти мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии бандубасти ҷиноятӣ ба худкушӣ расонидан дорои мубрамияти баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниход мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», пеш аз ҳама, дар ташаккули хулосаҳои назариявии мукаммал ва таҳияи тавсияҳои амалӣ, ки ба такмили танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан равона гардидаанд, ифода меёбад. Муаллиф масъалаҳои асосии назарияи ҳуқуқи ҷиноятиро вобаста ба бандубасти ин ҷиноят аз мавқеи таҳлили муосири доктриналӣ баррасӣ намуда, як қатор паҳлуҳои баҳсбарангези ҳуқуқтатбиқкуниро равшан намудааст. Аз ҷумла, дар доираи таҳқиқот таҳлили муфассали муқоисавӣ-

ҳуқуқии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидани шахс анҷом дода шудааст. Равишҳои қонунгузории кишварҳои гуногун нисбат ба муайян намудани аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур, доираи кирдорҳои ҷиноятӣ ва хусусиятҳои бандубасти ҳуқуқии онҳо мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, хусусиятҳо, умумиятҳо ва фарқиятҳои асосии танзими меъёрӣ ошкор карда шудаанд. Чунин таҳлил имконият фароҳам овардааст, ки сатҳи мутобиқати таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ арзёбӣ гардида, имконият ва мақсаднокии истифодаи баъзе институтҳо ва муқаррароти пешқадами қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар раванди ислоҳ ва такмили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шавад.

Ҳамзамон, дар кори илмӣ масъалаи субъекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, хусусиятҳои ҳуқуқии шахси гунаҳгор, нишонаҳои зарурии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва масъалаҳои марбут ба муайян намудани қобилияти ҷавобгарӣ бо такя ба мавқеъҳои илмии муосир баррасӣ шудаанд. Дар қисми хотимавии диссертатсия муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот як қатор тавсияҳои мушаххаси илмӣ ва амалиро пешниҳод намудааст, ки татбиқи онҳо метавонад ба такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таъмини ягонагии фаҳмиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан мусоидат намояд.

Муаллиф мафҳуми «ба худкушӣ расонидан»-ро дар шакли мукаммали назариявӣ пешниҳод намудааст, ки метавонад ҳамчун унсури навгонии илмии таҳқиқот арзёбӣ гардад. Тибқи мавқеи илмии пешниҳодшуда, ба худкушӣ расонидан ҳамчун ҳаракатҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд. Дар доираи чунин равиши

доктриналӣ таъкид мегардад, ки хусусияти асосии кирдор на танҳо дар мавҷудияти таъсиррасонии ғайриқонунӣ, балки дар давомнокӣ, системавӣ ва шиддатнокии таъсири равонӣ ифода меёбад, ки тадриҷан қобилияти муқовимати иродавии ҷабрдидаро коҳиш медиҳад. Дар натиҷа, шахси ҷабрдида зери таъсири чунин омилҳо ба қабули қарорҳои огоҳона оид ба маҳрум сохтани худ аз ҳаёт ё содир намудани кӯшиши худкушӣ водор мегардад. Ин гуна тафсири мафҳум имкон медиҳад, ки робитаи сабабии байни кирдори гунаҳгор ва оқибати баамаломада дақиқтар муайян гардида, сарҳади ҳуқуқии байни таъсири иҷтимоии маъмулӣ ва таъсиррасонии ҷиноятӣ мушаххас карда шавад. Ҳамзамон, пешниҳоди мазкур ба такмили фаҳмиши унсурҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан мусоидат намуда, метавонад ҳамчун асоси назариявӣ барои рушди минбаъдаи қонунгузорӣ ва ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат намояд.

Яке аз натиҷаҳои муҳими навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ин криминализатсияи моддаи 109(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ) мебошад. Муаллиф таъкид кардааст, ки бар хилофи қонунгузории муқоисавии Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кирдорҳои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба он ҷавобгарии мустақил бевосита пешбинӣ нагардида, маҳз ҳамин нуқта ба эҷоди муайяни ҳуқуқӣ ва мушкилот дар татбиқи амалӣ оварда мерасонад. Бар асоси таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва тадқиқоти амалияи судӣ ва тафтишотӣ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби мустақили ҷиноятҳои моил кардан ба худкушӣ ва мусоидат ба он ворид карда шавад. Ин пешниҳод на танҳо барои пурра кардани фосилаи ҳуқуқӣ, балки барои ҳимояи беҳтар ва муассиртарини ҳаёти инсон ҳамчун муҳимтарин объекти ҳифзшавандаи қонунгузории ҷиноятӣ аҳамияти назаррас дорад. Илова бар ин, ҷорӣ намудани чунин модда имкон медиҳад, ки механизмҳои профилактикаи ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ

барои тарзҳои фишоррасонӣ, таҳдид ё мусоидат ба худкушӣ дар сатҳи қонунгузории миллӣ равобити ҳуқуқӣ ва устувории бештар пайдо кунанд. Ҳамин тариқ, натиҷаи мазкур метавонад ҳамчун як қадами муҳим дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мустаҳкам намудани амнияти ҳуқуқии шаҳрвандон арзёбӣ гардад.

Ҳамчунин, навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявӣ ва амалии илмӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар самти таҳкими механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳаёти инсон ҳамчун муҳимтарин объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, аҳамияти назаррас доранд. Дар баробари ин, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илмии муаллиф метавонанд ба баланд бардоштани сифати бандубасти ҷиноятҳо, таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таҳкими татбиқи принсипҳои қонуният ва адолат мусоидат намоянд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои арзиши назариявӣ ва амалии муҳим буда, ҳамчун саҳми муайян дар рушди минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ арзёбӣ мегардад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявидоштаи диссертатсияи анҷомпазируфта ифода гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф дар пешниҳоди худ зикр намудааст, ки барои ноил шудан ба ягонагӣ ва дақиқии бандубасти кирдорҳо тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи мақсад аст, ки қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардад. Дар он бояд тавсияҳо ва шарҳҳои равшан оид ба аломатҳои ин ҷиноят дода шаванд, аз ҷумла, нисбат ба шакли гуноҳ, муҳтавои тарзҳои содир намудани ҷиноят, аломатҳои ба худкушӣ расонидан, ки онро аз таркибҳои ба ҳам монанд фарқ мекунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кори Саидзода Меҳрубон Акбархон пурра ифода ёфтааст. Ҳар як хулоса бар пояи

далелҳои таҳқиқӣ, мисолҳои амалӣ ва таҳлилҳои муфассал таҳия гардида, эътимоднокии онҳо бо истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ ва маълумотҳои гуногуни оморӣ таъмин карда шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили беш аз 160 парвандаи ҷиноятӣ, ки ба ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан рабт доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва манбаъҳои илмии эътирофшуда асоснок карда шудаанд. Барои тақвияти эътимоднокӣ ва васеъ намудани доираи таҳлил, таҳқиқот ҳамчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва омӯзиши падидаҳои мушаххаси судӣ, ки ба ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан рабт доранд, фаро гирифта шудааст. Истифодаи чунин равишҳои ҳамаҷониба ва низомнок имконият фароҳам меорад, ки натиҷаҳои таҳқиқот амиқ, боэътимод ва пурра асоснок бошанд. Дар натиҷа, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии пешниҳоди диссертатсия дорои заминаи қавии назариявӣ ва амалӣ буда, барои арзёбӣ ва татбиқи муассири онҳо дар қонунгузорӣ ва амалияи судӣ заминаи воқеӣ ва мукаммал фароҳам меоранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои назариявӣ, ки дар натиҷаи таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, метавонанд дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ё моил кардан ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун манбаи асосноки илмӣ барои таҳкими низоми ҳуқуқӣ, такмили меъёрҳои ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ истифода гарданд.

Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва огоҳ сохтани онҳо аз оқибатҳои ҷиноятӣ ва иҷтимоии ба худкушӣ расонидан хизмат намоянд. Ин паҳлуи таҳқиқот на танҳо ба таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ ва эътимод ба қонунгузорӣ мусоидат мекунад, балки ба пешгирии кирдорҳои ба худкушӣ расонидан ва паст кардани хавфҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа низ саҳм мегузорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфта, паҳлӯҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ ва моил кардан ба он расонидан мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар ин нашрияҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷониби унвонҷӯ ба таври мушаххас, возеҳ ва асоснок баён шудаанд, ки ба нишон додани саҳми назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат менамоянд. Истифодаи чунин манбаъҳои илмӣ имконият фароҳам овардааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот на танҳо ба сатҳи назариявӣ таҳкиму такмил дода шаванд, балки барои татбиқи амалӣ ва васеъ намудани доираи таҳқиқоти минбаъда ҳамчун заминаи боэътимоди илмӣ хизмат намоянд.

Теъдоди маводи чбпшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи таълифнамудаи Саидзода Меҳрубон Акбархон аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, дар маҷмӯъ 190 саҳифаро дар бар мегирад. Дар ҳар як боб пайдарҳамии мантиқӣ риоя гардида, таҳлили муфассал ва ҳамаҷониба

пешниҳод шудааст, ки муҳтавои умумии мавзӯъ – ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар тамоми паҳлӯҳои назариявӣ ва амалӣ фаро мегирад.

Боби аввали диссертатсия бо номи «Таҷрибаи таърихии муқовимат бар зидди ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан» таҳия шудааст ва аз се параграф иборат мебошад. Дар ин боб масоили муҳими назариявӣ ва амалии мавзуъ, аз ҷумла таърихи шаклгирии мафҳум, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, сатҳи хатарнокӣ ва хавфнокӣ барои ҷамъият, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, инчунин таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Таҳлили системавӣ ва муқоисавӣ дар доираи ин боб имкон медиҳад, ки хонанда ва коршинос равандҳои рушд ва тағйирёбии қонунгузории ҷиноятиро бо фаҳмиши амиқ дарк намояд ва мавқеи танзимкунандаи меъёрҳои қонунӣ нисбат ба кирдорҳои ба худкушӣ расониданро дар доираи назария ва амалия муқоиса намояд.

Боби дуюми диссертатсия бо унвони «Аломатҳои объективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан» таҳия шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб унсурҳои асосии объективии таркиби ҷиноят – объект ва тарафи объективӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардидаанд. Бар асоси таҳлилҳои назариявӣ ва амалии мавҷуда, объект ҳамчун ҳаёти инсон ва ҳифзи ҳаёти ӯ ҳамчун муҳими аввалиндараҷаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ шудааст, дар ҳоле ки тарафи объективӣ намуд ва шаклҳои кирдорҳои ҷинояткорон, шаклҳои таъсиррасонии ҳаракт ва беҳаракатӣ ба ҷабрдида ва аломатҳои фароҳам овардани шароити ҷароҳатрасонӣ ё водор намудани шахс ба худкушӣ таҳлил карда шудаанд. Ин таҳқиқот имконият медиҳад, ки таҳлили таркиби объективии ҷиноят бо дарназардошти таҷрибаи судӣ, қонунгузории миллӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ амиқ ва системавӣ ба анҷом расад, ки ба таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар бахши амалӣ ва қонунгузорӣ асоси қавӣ мегузорад.

Боби сеюми диссертатсия бо унвони «Аломатҳои субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан» таҳия шудааст. Дар ин боб таҳлили ҳамаҷонибаи

субъекти ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят, аз ҷумла мақсад ва ҳолати рӯҳии субъекти ҷиноят, инчунин, шахси воқеӣ, мукаллаф будан ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар доираи ин боб ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз таркибҳои ҷиноятии ба ҳам монанд бо истифода аз аломатҳои субъективӣ, таҳлили амалӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст.

Дар хулоса, муҳаққиқ Саидзода Меҳрубон Акбархон зикр менамояд, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, бо дарназардошти ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам манфии кодексҳои қаблӣ, доироти криминализатсияи ба худкушӣ расониданро васеъ намуд. Ба ғайр аз чунин шаклҳои қаблан пешбинишудаи кирдори ҷиноятӣ, аз қабили муносибати бераҳмона ва пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсияти ҷабрдида, қонунгузор аломати иловагии таркиби ҷиноят, яъне таҳдидро ворид кард. Ҳамин тариқ, номгӯйи тарзҳои содир намудани ин ҷиноят васеъ гардида, имкон дод, ки гуногунрангии шаклҳои фишор ба ҷабрдида пурратар ба назар гирифта шуда, самаранокии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баланд бардошта шавад. Ин хулоса, инчунин, нишондиҳандаи рушди назариявӣ ва амалии қонунгузорӣ буда, заминаи илмӣ барои такмили минбаъдаи меъёрҳо ва таҳияи пешниҳодҳои амалии қонунгузорӣ ва амалӣ мебошад.

Ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) бо риояи меъёрҳои илмӣ тартиб дода шудаанд.

Автореферат фишурдаи диссертатсия баанҷомрасида эътироф шуда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро ифода кардааст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз зикр гардидааст, дар рисолаи мазкур баъзе ҳолатҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд. Дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар матн қайд шудааст, ки ба худкушӣ расонидан метавонад дар шакли «беҳаракатӣ» (масалан, таъмин накардан бо доруворӣ ё ғизо) низ сурат гирад (саҳ. 22, 93-94 диссертатсия). Аммо, диспозитсияи амалкунандаи

моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳдид, муомилаи бераҳмона, паст задани шаъну эътибор) бештар ба «ҳаракатҳои фаъол» нигаронида шудааст. Муаллифро лозим буд, ки пешниҳоди мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ барои ворид кардани шакли «беҳаракатӣ» ба ин модда пешниҳод намояд.

2. Муаллиф диспозитсияҳои моддаҳоро хеле хуб муқоиса кардааст, аммо таҳлили муқоисавии санксияҳо (намуд ва ҳадди ҷазо) дар кишварҳои мухталиф камтар ба назар мерасад. Ба муҳаққиқ тавсия дода мешавад, ки ин ақида дар рафти ҳимоя ибрози назар карда шавад.

3. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки агар шиканҷа боиси худкушӣ гардад, кирдор бояд дар маҷмӯъ бо моддаҳои 109 ва 143[1] КҶ ҶТ бандубаст шавад (саҳ. 148 диссертатсия). Агар дар моддаи 143[1] «Шиканҷа» оқибати марг ҳамчун аломати вазнинкунанда пешбинӣ шуда бошад, зарурати бандубасти иловагӣ бо моддаи 109 баҳснок мегардад. Тавсия мешавад, ки ин нуқта дар рафти ҳимоя амиқтар шарҳ дода шавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Тоҷикистон ва Россия — Абдуҳамитов В.А.

**Суроға муқарриз:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳамадонӣ 55
Тел: (+992) 93-581-93-18; E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои В.А. Абдуҳамитовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон — Исмаилова М.Н.

«27» марти соли 2026.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30;
Тел: (+992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; https://www.rtsu.tj.